Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2023. – 30 саҳ.)**

Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич ба яке аз мавзуъҳои муҳимми хусусияти иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи автореферaтро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода ҷиҳати камбудиҳои ҷойдоштаи самти муҳоҷирати аҳолӣ руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани ҷобаҷогузории қувваҳои корӣ дар қаламрави кишвар камари ҳиммат бастааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур менамояд ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили минбаъдаи он бахшида шуда, аз навгониҳои зерин иборат аст:

– Дар натиҷаи омӯзиш методологии муҳоҷирати меҳнатии дохилии вумҳурӣ исбот гардид, ки он ҷанбаҳои иқтисодӣ ва таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои кориро муайян намуда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байни соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунад.

– Маълум карда шудааст, ки дар дар минтақаҳои сераҳолии ҷумҳурӣ ривоҷ додани соҳаҳои кишоварзӣ ва бунёди боғҳои интенсивӣ ва токпарварӣ хуб рушд ёфта, ки қисми зиёди аҳолиро бо ҷойҳои корӣ таъмин менамоянд.

– Муаллиф қайд менамояд, ки захираҳои меҳнатӣ дар ҳудуди ҷумҳури пурра омухта муайян карда шудааст, ки барои таъмин намудани соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳури бо қувваи кориро имконият медиҳад.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров Умарали Нуралиевич асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, оморӣ ва амалияи мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми география мегузорад.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Ҳақназаров Умарали Нуралиевич мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич баъзе аз эродҳо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад.

1. Муаллифи дисертатсия дар барои барзиётии захираҳои меҳнатӣ инчунин таъсири онҳо ба пешрафти иқтисодиёти кишварро қайд менамуданд, илова бар ин муаллиф алоқамандии муассисаҳои таҳсилоти касби-техникӣ ба истеҳсолотро дар автореферат асоснок мекард хуб мешуд.
2. Муаллиф масалаи таъмин намудани аҳолиро бо замин ва ҷойҳои истиқомат аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба минтақаҳои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дарҷ кардааст. Хуб мешуд, ки давраҳои муҳоҷикунии аҳолиро ба ин минтақа шарҳ медод.

Эродҳои зикршуда хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад.

Аз ин рӯ, гуфтан ба маврид аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267

тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳақназаров Умарали Нуралиевич ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ (илмҳои география) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.г. дотсенти кафедраи география**
**ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Баротов Ҷ.**

**Имзои Баротов Ҷ. -ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДДК ба номи А. Рӯдакӣ** **Амиров Ф.С.**
**«27» 05 2023 с.**

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
Тел: 2-35-06, 2-35-09